Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-017 назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, 734024, ш. Душанбе, кучаи Айнӣ, 44

**ТАҚРИЗ**

**ба диссертатсияи Турсунов Хушруз Муталибович дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии низоми гумруки Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо пешбинӣ гардидааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ мутобиқи бандҳои зерини Шиносномаи номгӯи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 – “Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо” иҷро карда шудааст: б.10.2. Моҳият, сохтор ва вижагиҳои фарқкунандаи идоракунии низомҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, тамоюлҳои асосӣ ва самтҳои инкишофи он дар шароити ҷаҳонишавӣ, инкишофи ҳамкориҳо ва бизнеси байналмилалӣ; б.10.3. Сиёсати давлатӣ, механизмҳо, методҳо ва технологияҳои таҳия ва татбиқи он. Стратегия ва тактика дар амалисозии сиёсати давлатӣ. Вижагиҳои коркард ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар бахшҳои иҷтимоиёт ва иқтисодиёт. Идоракунии давлатии низоми андоз, гукмрук ва маҷмаии иқтисоди беруна. Идоракунӣ дар бахши давлатии иқтисодиёт, шаклҳои ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ. Идоракунии амволи давлатӣ. Тарҳрезӣ, таҳияи усулҳо ва воситаҳои ташкили истеҳсоли неъматҳои ҷамъиятӣ, хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар иқтисодиёти бахши ҷамъиятӣ (давлатӣ); б.10.5. Идоракунии системаҳои иқтисодӣ, усул (принсипҳо), шаклҳо ва механизмҳои амалисозии он. Механизмҳои институтсионалии идоракунии низомҳои иқтисодиву иҷтимоӣ. Идоракунии тағйирот дар системаҳои иқтисодӣ. Назария ва амалияи идоракунии инфрасохторҳои иҷтимоиву истеҳсолӣ, сохторҳои интегратсионӣ ва равандҳои интегратсияи бизнес ба иҷро расидааст.

**Муҳимияти мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити гузариши ҷумҳурӣ ба марҳилаи нави рушд ва тавсеаи фаъолияти иқтисодии хориҷие, ки бо

фаъолгардонии кишвар дар робитаҳои хоҷагидории ҷаҳонӣ алоқаманд мебошанд, таъмини рушди муносибатҳои гумрукӣ ва такмили методҳо ва воситаҳои танзими гумрукии фаъолияти иқтисодии берунӣ талаб карда мешавад. Ин пеш аз ҳама, ба ҷустуҷӯйи механизмҳои нави такмили фаъолияти гумрукӣ дар самти мувофиқгардонии он ба меъёрҳои байналмилалӣ ва рушди таъминоти илмӣ-методӣ, ҳуқуқӣ ва иттилоотии умуман низоми гумрук боис мегардад. Имрӯзҳо, ҳанӯз ҳам норасоии мутахассисони баландихтисос дар соҳаи фаъолияти гумрук ва кадрҳои идоракунӣ мушоҳида мегардад, ки ин масъала таҷдиди назар ба сиёсати кадрии низоми гумрукро тақозо менамояд. Ғайр аз ин, сатҳи пасти фаъолияти механизми иқтисодии идоракунии низоми гумрук, ки он ба такмилдиҳӣ ниёз дорад, мушоҳида мегардад.

**Навгонии илмии таҳқиқот**. Навоварии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар коркарди асосҳои назариявии ташкилӣ-иқтисодӣ, механизмҳои иттилоотӣ ва кадрии такмили системаи идоракунии низоми гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар доираи низоми танзими давлатии муносибатҳои иқтисодии берунӣ), ки ба равандҳои фаъолгардии воридсозии ҷумҳурӣ ба алоқаҳои хоҷагидории ҷаҳонӣ ва истифодаи самараноки афзалиятҳои фаъолияти иқтисодии берунӣ дар саноатикунонии иқтисодиёти мамлакат мусоидат мекунанд, зоҳир мегардад. Муқаррароти таркибии зерини таҳқиқоти диссертатсионӣ унсурҳои навгонии илмӣ доранд:

1. Дар асоси таҳлили назариявии самтҳои гуногуни назарияи фаъолияти гумрукӣ моҳияти фаъолияти гумрукӣ асоснок карда шудааст.
2. Доир ба идоракунии низоми гумрук таърифи муаллифӣ дода шудааст.
3. Ташаккул ва рушди низоми гумруки ҷумҳурӣ дар ҳошияи як қатор шароит даврабандӣ карда шудааст.
4. Низоми идоракунии молу воситаҳои нақлиёт ва амволи дар додугирифти моликияти давлат қарордошта коркард карда шудааст.
5. Моҳият ва ҷанбаҳои идорашавандагии меъёри хироҷи гумрукӣ асоснок карда шудааст.
6. Алгоритми равандҳои таъминоти иттилоотии идоракунии низоми гумрук ва ташаккули низоми нишондиҳандаҳо ва инчунин меъёрҳои баҳогузории самаранокии идоракунии низоми гумрук коркард карда шудааст.

7. Асосҳои консептуалии коркарди сиёсати кадрӣ ва таъминоти кадрии низоми гумрук пешниҳод гардидаст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар дисертатсия зикршуда**. Асоснокии хулосаву пешниҳодоти дар диссертатсия овардашуда ва сатҳи илмии онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони иқтисодии ватанию хориҷиро дар соҳаи идоракунии низоми гумрук эҷодкорона истифода бурдааст. Дар раванди таҳқиқот усулҳои иқтисодии таҳлил васеъ истифода шудаанд ва хулосаҳову пешниҳодот дар асоси ҷамъоварӣ, сохторбандӣ ва коркарди захираҳои иттилоотии дақиқ бо истифода аз воситаҳои технологияи иттилоотии муосир ба анҷом расидааст.

Ба андешаи муаллиф низоми гумрук ин маҷмуи элементҳо ва ҷузъҳои таркибии бо ҳам алоқаманди ниҳоди гумрук (шакл, восита ва методҳо) мебошад, ки дар пояи муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ ташаккул ва рушд ёфта, тавассути идора ва танзими воридоту содирот танзими давлатии фаъолияти иқтисодии берунаи мамлакатро таъмин менамояд (саҳ. 19).

Дар диссертатсия оварда шудааст, ки дар иқтисодиёти муосир низоми гумрук унсури асосии низоми танзими давлатии иқтисодиёт ва бахши иқтисодиёти берунии он буда, ба ҳайси ҳалқаи пайвасткунандаи байни иқтисодиёти миллӣ ва ҷаҳонӣ баромад мекунад (саҳ. 61).

Диссертант чунин андешаронӣ намудааст, ки дар низоми амалигардонии вазифаҳои стратегии давлат ва сиёсати иқтисодии берунӣ восита ё механизми нисбатан қобили фаъолият- ин низоми гумрук мебошад, зеро низоми гумрук ва зимнан сиёсати гумрукӣ таърихан шаклҳои аввалине буданд, ки бо ёрии онҳо давлат савдои хориҷиро танзим мекард (саҳ. 61).

Ғайр аз ин, диссертант дар заминаи арзёбии ҳолати муосири рушди низоми гумрук ва механизми иқтисодии идоракунии он ба чунин хулоса омадааст, ки имрӯзҳо захираҳои молиявии ба низоми гумрук аз буҷети давлатии ҷумҳурӣ воридшаванда дар таносуб бо маҷмуи захираҳои молиявие, ки низоми гумрук дорад ниҳоят кам мебошанд. Дар рафти таҳқиқот инчунин маълум карда шудааст, ки хироҷи гумрукӣ барои таъминоти молиявии фаъолияти унсурҳои низоми гумрук нақши калидӣ дошта, он дар маҷмуъ бо боҷи гумрукӣ, андози аксизӣ, андоз аз арзиши иловашуда ва пардохтҳои гумрукӣ аз неруи фаъолияти иқтисоди берунаи мамлакат вобастагии зич дорад (саҳ. 131).

Диссертант ҷиҳати муайян намудани мушкилоти низоми гумруки мамлакат тадқиқоти иҷтимоӣ гузаронида, муаммоҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, умуман фаъолияти хизматрасониҳои гумрукиро баррасӣ намудааст (саҳ. 102-112).

Илова бар ин, дар заминаи таҳқиқи роҳҳои муассири такмили механизми идоракунии иқтидори кадрии низоми гумрук дар диссертатсия оварда шудааст, ки таҳлил ва баҳогузории иқтидори кадрии низоми гумрук бояд баҳои миқдорӣ ва сифатии кадрҳо, мутобиқати онҳо ва инчунин чораҳои истифодаи самараноки иқтидори кадриро пешбинӣ намояд ва дар заминаи он интихоби усули самараноки идоракунии низоми гумрук таъмин карда шавад (саҳ 161).

Инчунин дар диссертатсия ҷиҳати баҳогузории самаранокии идоракунии фаъолияти гумрук як қатор нишондиҳандаҳо пешниҳод карда шуданд (саҳ 181).

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар такмил додани асосҳои илмӣ ва методологии идоракунии низоми гумрук ва инчунин дар асоснок кардани истифодаи механизмҳои иқтисодии идоракунии низоми гумруки мамлакат бо назардошти хусусиятҳои иқтисодиёти миллии кишвар дар марҳалаи нави рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он асос меёбад, ки хулосаҳо ва пешниҳодоти дар диссертатсия овардашударо роҳбарони мақомоти гумрук метавонанд дар раванди такмил додани воситаҳои идоракунии фаъолияти гумрук, коркарди стратегияи таъминоти иттилоотӣ ва кадрии идоракунии низоми гумрук мавриди истифода қарор диҳанд. Як қатор қоидаҳо ва пешниҳодот «Оид ба фонди рушди низоми гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз тарафи Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди коркарди стратегияи рушди хизмат дар давраи дарозмуҳлат қабул шудаанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 17 интишороти унвонҷӯ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшаванда, интишор ёфтаанд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулосаву пешниҳодот ва руйхати адабиёти истифодашуда, ки фарогири 131 номгуй аст, иборат

буда, матни асосии диссертатсия дар 208 саҳифаи чопи компютерӣ баён гардидааст, ки фарогири 32 ҷадвал ва 18 расм мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Тахассуси илмии Турсунов Хушруз Муталибович - довталаби дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо мутобиқат мекунад.

Ба андешаи мо дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ, диссертатсияи тақризшаванда дорои як қатор камбудию норасогиҳо мебошад, ки аз инҳо иборатанд:

1. Дар боби аввали диссертатсия (саҳ. 45) ба сифати яке аз омилҳои муайянкунандаи марҳилаи муосири глобализатсия ва якҷояшавии ҷаҳонӣ рушди иқтисодиёти рақамӣ ва технология оварда шудааст, вале доир ба вазъи ҷории рақамикунонии низоми гумруки мамлакат маълумоти муфассал пешниҳод нагардидааст.
2. Беҳтар мебуд, агар дар рафти гузаронидани пурсиши иҷтимоӣ боз минтақаҳои дигари кишвар низ ҷалб карда шуда, мушкилоти сифати хизматрасонии низоми гумруки мамлакат вобаста ба хислати минтақаҳо муайян карда мешуд.
3. Агар унвонҷӯ низоми идоракунӣ ва иттилоотии мақомоти гумруки кишварро бо низоми идоракунии гумруки кишварҳои нисбатан рушдёфта қиёс менамуд, пас тадқиққоти илмӣ боз ҳам такмил меёфт.
4. Механизмҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии низоми гумрук тавсиф шудааст, аммо саҳми мушахаси онҳо дар такмили идоракунӣ бояд васеътар нишон дода мешуд.
5. Дар мавриди таҳқиқи масъалаҳои таъминоти иттилоотӣ-таҳлилии идоракунии низоми гумрук муаммоҳои он бояд муайян карда шуда, бояд роҳҳои ҳалли он пешниҳод мегардид, ки дар диссертатсия чандон ноаён мондааст.

Бо ибрози чунин нуқтаи назар метавон гуфт, ки диссертатсияи Турсунов Хушруз Муталибович ба камбудиҳои номбар кардашуда нигоҳ накарда дар сатҳи зарурӣ омода карда шудааст ва аз ҷиҳати мазмун ва мундариҷа ба талаботҳои мавҷудбуда мутобиқ мебошад.

Умуман диссертатсия дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии низоми гумруки Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз руйи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонахо, низомҳо ва комплексҳо ба талаботҳои муқарраршуда мутобиқ буда, тавсия дода мешавад, ки кори илмии

асоснокгардидаи ба итмомрасида ҳисобида шуда, дорои ҳалли масъалаи аҳамияти соҳавидошта ба шумор меравад ва муаллифи он Турсунов Хушруз Муталибович сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо мебошад.

**Мукарризи расмӣ,**
н.н.и., дотсенти кафедраи иқтисодиёт
ва идоракунии Донишгоҳи давлатии
омузгории Тоҷикистон ба номи
Садридцин Айнӣ Аюбов Д.М.

Имзои Аюбов Д.М.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ Мустафозода А.